# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба рисолаи диссертатсионии Қурбонов Меҳрубон Мирзоевич дар мавзуи «Ташаккул ва рушди воситаҳои алоқа дар вилояти Хатлони ҶШС Тоҷикистон (солҳои 1924 – 1991)» барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ (илмҳои таърих)**

Бояд қайд намуд, ки мубрамияти мавзуи тадқиқшаванда дар он зоҳир мегардад, ки рушди шабакаи алоқа дар яке аз вилоятҳои калони ҷумҳурӣ дар давраи тадқиқшаванда, на танҳо баланд бардоштани иқтидори иқтисодии яке аз минтақаҳои ҷумҳуриро таъмин намуда буд, балки фаъолияти пурсамари соҳаи мазкур аҳамияти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ низ дошт. Зеро, дар натиҷаи сохтмони объектҳои алоқа аҳолии ҷумҳурӣ ба таври фаъолона ба сохтмони ҳаёти нави сотсиалистӣ ҷалб карда шуданд.

Тадқиқи масъалаи мазкур боз аз он ҷиҳат ҳам аҳамиятнок аст, ки дар рисола то чи андоза муҳим будани таҷрибаи таърихии дӯстии халқҳои ИҶШС, муттаҳидӣ ва ҳамкории онҳоро дар ташаккул ва инкишофи низоми алоқа дар як вилоят нишон медиҳад.

Рисолаи Қурбонов Меҳрубон Мирзоевич дар мавзӯи «Ташаккул ва рушди воситаҳои алоқа дар вилояти Хатлони ҶШС Тоҷикистон (солҳои 1924 – 1991)» омӯзиш ва пажӯҳиши масъалаи ташаккул ва рушди воситаҳои алоқаи вилояти Хатлонро дар солҳои Шуравӣ таҳқиқ намуда, аҳамияти махсусро пайдо намудааст. Хусусиятҳои мавзуъ муҳиммияти назариявию амалӣ дошта, муаллиф дар таҳқиқи он методҳои муқоисавию таърихӣ, равиши системавӣ, таҳлили сохториву корбурдӣ ва таҳлили донишҳои таҷрибавиро истифода намудааст.

Ба навиштаи диссертант таҷрибаи азнавсозӣ, ташаккул ва рушди воситаҳои алоқа на танҳо намунаҳои зиёди қаҳрамонии меҳнатӣ ва фидокорӣ, балки тасмимҳои ҷасурона ва асосии муҳандисию техникиро низ нишон додааст.

Дар ин асос, муаллифи рисола таъкид мекунад, ки бори нахуст таҳқиқоти ҳамаҷониба ва махсуси рушди воситаҳои алоқаи вилояти Хатлон дар солҳои Шуравӣ сурат мегирад. Ғайр аз ин, диссертант омилҳои асосиеро, ки омӯзиши мавзуъро дар давраи интихобгардида асоснок менамоянд, ба таври зерин муайян кардааст: якум, омӯзиши мавзӯи мазкур методҳои нави таҳқиқотро пешбинӣ намуда, дар омӯзиши таърихи замони муосири халқи тоҷик саҳми муайян мегузорад, дуввум, дар асоси маводи бойгонӣ, факту далелҳои таърихӣ, хотираҳои иштирокчиёни ҳодисаҳои таърихӣ тамоми ҳодисаҳои давраи солҳои 1924- 1991 аз нуқтаи назари илми таърих мавриди таҳлили амиқ қарор додааст.

Навоварии илмии таҳқиқот дар он аст, ки диссертант бори нахуст оид ба таърихи рушди воситаҳои алоқаи вилояти Хатлон дар солҳои Шуравӣ таҳқиқоти вижа ва муфассал анҷом додааст. Бо вуҷуди он, ки ин масъала дар чандин асару мақолаҳои дорои хусусияти умумӣ то андозае баррасӣ шудааст, вале таҳқиқоти алоҳидаи он дар доираҳои илмӣ ва махсуси таърихӣ сурат нагирифтааст.

Аҳамияти илмии диссертатсия дар он аст, ки сарчашмаҳои бешумор ва натиҷаҳои таҳқиқоти бунёдии муаллифони ватанию хориҷӣ ба гардиши илмӣ ворид карда шудаанд. Дар диссертатсия бори нахуст нишон дода шудааст, ки маводи бойгонии ҷорӣ, маълумотҳои оморӣ, гузоришҳо ва фармонҳои Вазорати алоқаи кишвар, инчунин маводи нашрияҳои даврии марбут ба рушди воситаҳои алоқаи вилояти Хатлон ҷамъбаст ва коркарди илмӣ карда шаванд.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия дар он ифода меёбад, ки маводи гуногун мазмуни таҳлилӣ, хулосаҳои илмӣ ва тавсияҳое, ки дар он оварда шудаанд, то андозае масъалаҳои таърихи рушди воситаҳои алоқаи вилояти Хатлонро дар солҳои Шуравӣ инъикос намоянд. Натиҷаҳои таҳқиқотро дар таҳияи рисолаҳо, монографияҳо, китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ барои донишҷӯёни ихтисосҳои

таърих, инчунин курсҳои махсус ва мақолаҳои илмӣ оид ба масъалаҳои мубрами таърихи навини воситаҳои алоқаи кишвар истифода бурдан мумкин аст.

Диссертатсия аз муқаддима, рӯйхати ихтисорот, ду боб, чор зербоб, хулоса, номгӯйи сарчашмаҳо ва адабиёти истифодашуда (зиёда аз 341 номгӯй) иборат аст. Сохтори рисола низ дуруст ва мантиқӣ тартиб дода шуда, мазмуну мундариҷаи мавзуъро бо тамоми масъалаҳои ба ин алоқаманд ифода менамояд. Дар маҷмуъ, сохтори кор тамоми ҷанбаҳо ва мушкилоти таърихи рушди воситаҳои алоқаи кишварро фарогир аст.

Дар муқаддима аҳамияти масъалаи таҳқиқшаванда асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши илмӣ, объект ва предмети тадқиқот, асоси сарчашмавӣ, мақсад ва вазифаҳои омӯзиши мавзуъ муайян карда шудаанд. Илова бар ин, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ, навгонии илмӣ ва доираи татбиқи амалии натиҷаҳои он нишон дода шудааст.

Дисссертант дар боби аввал дар бораи ташаккул ва рушди корхонаҳои алоқаи почта ва радио дар вилояти Хатлон маълумот медиҳад, ки аз ду зербоб иборат буда, муаллиф тағйиротҳоро оид ба рушди муассисаҳои почта ва радио таҳқиқ менамояд.

Дар зербоби аввал оид ба ташаккул ва рушди минбаъдаи алоқаи почта дар минтақаи омӯзиш таҳқиқотҳои илмӣ бурда мешавад. Аз ҷумла, муаллиф қайд менамояд, ки бо инкишофи шабакаи почта дар ноҳияҳои минтақа дараҷаи фарҳангии сокинони вилоят боло рафт.

Диссертант дар зербоби дуюми боби аввал менигорад, ки дар солҳои Шуравӣ шабакаҳои радио таъсис ёфта, минбаъд рушд намуданд, ки дар вилояти Хатлон ин як пешравии фарҳангӣ ба шумор мерафт. Аз ҷумла муаллиф қайд менамояд, ки дар қаламрави Тоҷикистон то инқилоби Октябр радио алоқа тамоман вуҷуд надошт ва барои дар вазъи душвори ҷуғрофӣ ҷойгир будани ҷумҳурӣ рушди радио алоқа аҳамияти махсус дошт, яъне бо оғоз

гардидани фаъолияти шабакаҳои радио дар минтақаи омӯзиш шароити маишӣ-мадании меҳнаткашон рушд намуд.

Муаллиф дар боби дуюми диссертатсия оид ба инкишофи воситаҳои алоқаҳои телеграф ва телефон дар минтақаи омӯзиш таҳқиқоти илмӣ мебарад.

Аз ҷумла дар зербоби аввали боби дуюм дар бораи нақши телеграф ҳамчун воситаи алоқа дар ҳаёти иҷтимой-иқтисодӣ ва фарҳангии минтақаи омӯзиш, оид ба пайдоиш, ташаккул ва рушди минбаъдаи он таҳқиқоти илмӣ бурда мешавад. Муаллиф иброз менамояд, ки соли 1922 дар назди Идораи ҳарбии алоқа шуъбаи алоқаи телеграф таъсис дода шуд. Ҳамин тавр, он солҳо корхонаҳои воситаҳои алоқа бевосита ба идораи ҳарбӣ тобеъ мешуданд.

Диссертант дар зербоби дуюми боби дуюм оид ба таъсис ва инкишофи алоқаи телефонӣ ва масъалаҳои рушди он таҳқиқоти илмӣ мебарад. Муаллиф менигорад, ки рушди алоқаи телефон дар Тоҷикистон баъди ташкилёбии мухторияти он, соли 1924 оғоз гардид, ки то ин давра дар қаламрави Тоҷикистон алоқаи телефонӣ тамоман вуҷуд надошт.

Дастоварду норасой ва мушкилоти соҳаи алоқа дар хулосаи таҳқиқоти диссертатсионӣ ба таври дақиқ натиҷагирӣ шуда, тавсияҳо оид ба рушди минбаъдаи фаъолияти воситаҳои алоқа пешниҳод шудаанд, ки мазмуну муҳтавои диссертатсияро инъикос менамоянд. Ҳамзамон, паҳлӯҳои таҳқиқнашудаи масъаларо барои пажӯҳишгарони риштаҳои дигар илмҳо пешниҳод намудааст.

Масъалаҳои инкишофу ташаккули минбаъдаи алоқаҳои телеграфӣ ва телефонӣ дар рисола мавриди таҳқиқот қарор гирифтаанд. Оварда мешавад, ки натиҷаҳои таҳқиқот муайян намуд, ки рушд ва ташаккули воситаҳои алоқаҳои телеграфу телефонӣ ба тараққиёти соҳаҳои иқтисодиёту иҷтимоиёт ва сиёсату фарҳангии минтақаи омӯзиш таъсири калон расонид. Бинобар он дар шабакаи воситаҳои хабаррасонӣ алоқаи телефону телеграф

чойи муҳимтаринро ишғол мекунанд.

Хулосаҳои асосии муаллиф тавассути нашри мақолаҳо дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва маърӯзаҳо дар конференсияҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ асоснок гардидаанд.

Дар рисолаи диссертасионии мазкур сарфи назар аз бартариҳои зикршуда камбудиҳои зерин ба шарҳи муаллиф ниёз доранд:

1. Бисёр хуб мешуд, ки муаллиф сатҳи омӯзиши илмии мавзуъро боз ҳам қавитар менамуд.
2. Дар диссертатсия таҳқиқи асарҳои илмии олимони ватанӣ кам ба чашм мерасанд.
3. Дар саҳифаҳои 30,32,39,45,61,67,91 дастгоҳи илмӣ таҷдиди назар мехоҳад.
4. Дар саҳифаҳои 27, 44, 51, 67, 81, 93, 116 хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ вуҷуд доранд.

Камбудиҳои зикршуда арзиши рисоларо коҳиш намедиҳад. Дар маҷмӯъ, сохтор ва дастгоҳи илмию техникии рисола тибқи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶумҳурииТоҷикистон тартиб дода шудааст.

Дар хулоса муаллиф аз пажӯҳиши худ натиҷагирӣ карда, бо чанд пешниҳоди ҷолиб кори хешро ҷамъбаст намудааст. Ҳамин тавр, кори анҷомдодаи унвонҷӯ дар такя ба сарчашмаю адабиёти илмӣ мустақилона иҷро гашта, маводи наверо пешниҳоди аҳли илм кардааст. Хулосаҳои пешниҳодкардаи муаллиф аксар қобили қабул буда, истифодаи онҳо дар амал ба манфиати кор мебошад.

Мазмуну мӯҳтавои автореферат ба мазмуни таҳқиқот мувофиқат мекунад. Рисолаи диссертассионӣ мустақилона иҷро шуда, тадқиқоти анҷом ёфта бошад, ки ба ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ (илмҳои таърих) мувофиқ аст.

Кори диссертатсионии Қурбонов Меҳрубон Мирзоевич дар мавзуи «Ташаккул ва рушди воситаҳои алоқа дар вилояти Хатлони ҶШС Тоҷикистон (солҳои 1924 – 1991)» ба талабот ва меъёрҳои муайяншудаи марбут ба диссертасияҳои номзадии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй буда, муаллифи он сазовори гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ (илмҳои таърих) сазовор аст.

**Муқарризи расмӣ:**
**Сардори шуъбаи тарбияи МДТ**
**"ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино"**
**номзади илмҳои таърих**

**Абдурахмонов Зевар Вафоназарович**

имзои/подпись
ТАСДИҚ МЕНАМОЯМ/ЗАВЕРЯЮ
САРДОРИ БАХШИ КАДРИИ БРК/
НАЧАЛЬНИК ОТДЕЛА КАДРОВ УРК
« 3 » феврали 2023 с/г

**Маълумот барои тамос:**
Суроға: 734003, ҶумҳурииТоҷикистон,
ш. Душанбе, х. Рудаки-139
Телефон: (+992) 935984497
Почтаи электронӣ: E-mail: zevar-1986@mail.ru